**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ: 332.14**
**ВБК: 65.049**
**К - 31**

**ҚАЮМОВА МУҲАЙЁХОН ХУРШЕДОВНА**

# ТАТБИҚИ СИЁСАТИ САНОАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ СУҒД)

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)

**Хуҷанд - 2023**

Диссертатсия дар кафедраи идоракунии иқтисодӣ ва маркетинги Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Алиджанов Джамшед Абдукаюмович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Муасссисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

**Муқарризони расмӣ:** **Авезов Азизулло Ҳабибович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва идоракунии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

**Сафоев Абдумаҷид Каримович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Муассиса пешбар:** **Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия «4» июли 2023, соати 12-00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 735700, шаҳри Хуҷанд, 17 мкр-н, бинои 1, E-mail: dstsubp@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 927711342.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи (http://www.tsulpb.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи "___" _________2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Самадова З.А.**

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Муҳимияти мавзуи таҳқиқот**. Инкишофёбии ҷараёнҳои ҷамъиятӣ ба тамоми паҳлӯҳҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидории корхонаҳо, соҳаҳо, минтақаҳо ва иқтисодиёти миллӣ таъсири назаррас мерасонад. Ҳамзамон тағйиротҳои иҷтимоӣ-иқтисодии дар кишвар ва минтақаҳои он ба миён омадаистода ва дигаргуниҳои сохторӣ бо дарназардошти амалигардонии ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар гузариш ба марҳилаи нави тараққиёти иқтисодиро тақозо менамояд. Дар ин васила аҳамияти интихоби дурусти стратегия ва сиёсати сохторӣ баланд гардида, инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои он бо назардошти таъсири омилҳои минтақавӣ ба миён меояд.

Мустаҳкамшавии вазъияти иқтисодии минтақаҳо аз бисёр ҷиҳат аз ҳолат ва тараққиёти соҳаҳои саноат вобастагии калон дорад, зеро иқтисодиёти бозорӣ бо баробари васеъшавии бозори молӣ ва молиявӣ, инчунин беҳтаргардонӣ ва шиддатёбии муборизаи рақибонаро дар назар дорад. Бинобар ҳамин баланд намудани самаранокии фаъолияти хоҷагидории ба фаъолгардонии ҷараёни тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳама соҳаҳои саноати минтақавӣ ба мадди аввал мегузарад. Зарурати муайян намудани имкониятҳои захиравии корхонаҳои саноатӣ барои фаъолияти босамари тамоми минтақа зарур арзёбӣ карда мешавад.

Барои татбиқи сиёсати саноатӣ аз тарафи давлат як қатор барномаҳо, аз он ҷумла Стратегияи тараққиёти саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Барномаи рушди металургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2022, Барномаи рушди шоҳибофӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020. Инчунин эълон гардидани солҳои 2021-2026 солҳои рушди соҳаҳои саноат барои такомули татбиқи сиёсати саноат дар мамлакат ва минтақаҳои он мусоидат хоҳад кард.

Дар ин радиф фароҳам овардани шароити мусоид барои тараққиёти соҳаҳои саноати минтақавӣ ва такомули ҷараёни такроркистеҳсол, зарурати дарёфти самти появии пешрафти татбиқи сиёсати саноатии минтақавиро тақозо менамояд, ки ба низоми пойдоргардидаи муносибатҳои иқтисодӣ мувофиқат намояд. Ҳалли чунин масъалаҳо мавҷудияти ҳадафҳои муайяни стратегиро талаб менамояд, ки самти тараққиёти соҳаҳои саноат барои пурзӯр намудани пояи моддӣ-техникӣ, таъсиси низоми идоракунии самаранок, васеъшавӣ ва такомули алоқаҳои хоҷагидории бозорӣ муқаррар карда шаванд. Бинобар ҳамин дар марҳилаи муосири тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати саноатии илман асоснокшуда барои минтақаҳо аҳамияти махсус дорад, ки бояд ба фаъолгардонии ҷараёни тараққиёти ҳама зинаҳои саноат равона карда шаванд. Дар ин ҷода ҳалли мушкилоти муайян намудани иқтидори имкониятҳои соҳаҳои саноат барои фаъолияти муваффақона дар шароити муосир диққати махсусро ба худ ҷалб менамояд. Чунин муносибат ба ташаккулёбӣ ва такомули сиёсати саноатӣ ва дарёфти роҳҳои нави тараққиётро дар ин соҳа муқаррар менамояд. Дар натиҷа нақш ва аҳамияти таҳлил ва

баҳодиҳии вазъияти муосир ва иқтидори соҳаҳои саноати минтақа, истифодабарии самараноки онҳо афзоиш меёбад, ки аз ҳамаи онҳо пеш аз ҳама мустаҳкамии тараққиёти соҳаҳои саноат дар марҳилаи саноатикунонии босуръати кишвар вобастагӣ доранд.

Ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта ба татбиқи сиёсати саноатӣ талаботҳои навро ҷорӣ менамояд, ки аз дарки объективонаи шароитҳои ба миёномадаи фаъолияти иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ бармеоянд. Бо баробари ин мавҷудияти таъминоти илмии таҳлил ва интихоби самтҳои дурусти тараққиёти соҳаҳои саноати минтақавӣ барои дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат зарур ба ҳисоб меравад. Асосҳои назариявӣ ва методологӣ барои тараққиёти соҳаҳои саноати минтақаҳо дар шароити тағйирёбии босуръати шароитҳои муҳити дохилӣ ва беруна, шиддатёбии таъсиррасонии ҷараёни ҷаҳонишавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, пешрафти илму техника, такомули омилҳои иҷтимоӣ ва дигаргуниҳои назаррас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он муҳим ва саривақтӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Зарурати татбиқи сиёсати саноатии минтақа дар низоми иқтисодиёти миллӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ дарҷ ёфтаанд.

Дар асарҳои классикони илми иқтисодӣ А. Смит, Д. Рикардо, А, Маршал диққати марказӣ ба амалигардонии сиёсати саноатӣ дар чорчӯбаи сиёсати андозӣ ҳамчун зарурати тараққиёти саноат баҳри васеъ намудани сарчашмаҳои воридшавии андозӣ зоҳир карда мешуд.

Барои кишварҳои ғарб хусусиятҳои татбиқи сиёсати саноатии минтақавӣ дар корҳои илмии Й. Шумпетер, И. Ансофф, Ҷ. Гелбрейт, Ф. Хайек, М. Портер, П. Самуэлсон, Р. Коуз, Ҷ. Кейнс, Обсфелд М., Кругман П.Р., Прайс В.К., Лин Х.Д., Чанг Д. ва дигарон ифодаи худро ёфтаанд. Асарҳои илмии олимони номбурда ба самти амалигардонии сиёсати саноатӣ дар минтақаҳо таъсири ҷидди расониданд. Масъалаҳои инкишофи соҳаҳои саноати минтақавӣ аз тарафи олимони руссия ба монанди: Аганбегян А.Г., Березнев С.В., Копеин В.В., Андреев Г.Н., Савелло Л.Л., Попова Я.В. Воронин А.Г., Гранберг А.Г., Гапоненко А.Л., Новоселов А.С., Шабашев В.А., Егоров Е.В., Яковлев С.М. ва дигарон тадқиқ карда шудаанд. Ба шумораи олимони ватанӣ, ки бо муаммоҳои татбиқи сиёсати саноатӣ дар минтақа саҳм гузоштаанд, шахсони зеринро шомил намудан мумкин аст: Азизов Ф.Х. татбиқи сиёсати саноатии минтақавиро вобаста ба ташаккули соҳаҳои саноати минтақавӣ, Алиджанов Д.А. тараққиёти соҳаҳои саноати минтақавиро аз нуқтаи назари амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ, Бойматов А.А. тараққиёти соҳаҳои саноати минтақавиро аз нуқтаи назари таъмини рушди устувор, Бобоҷонов Д.Д. сиёсати саноатии минтақавиро вобаста аз инкшофи соҳаҳои саноат, махсусан агросаноатӣ, Ғаниев Т.Б. вобаста ба такомули идоракунии самараноки сармояи инсонӣ дар таъмини рушди соҳаҳои саноати миллӣ ва минтақавӣ, Дадоматов Д.Н. сиёсати саноатии минтақавиро аз нуқтаи назари инкишофи соҳибкории саноатӣ, Исмоилова М.М., Исмоилов М.М., Қаюмов Н.К. тадқиқи сиёсати саноатиро дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ қарор дода, доир ба вазъ ва иқтидори саноатии минтақаҳои кишвар, Комилов С.Ҷ. дар таҳқиқотҳои худ самти

инноватсионии тараққиёти соҳаҳои саноатӣ, Муҳабатов Х.Н. дар таҳқиқотҳои хеш оид ба ҷойгиршавии самараноки соҳаҳои саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раҳимов Р.К дар корҳои илмии хеш оид ба тарзи тараққиёти индустриявӣ-аграрӣ, Раҳимзода Ш.М. татбиқи сиёсати саноатиро аз нуқтаи назари ташаккулёбӣ ва инкишофи инфрасохтори бонкӣ, сиёсати пулию-қарзӣ, Ризоқулов Т.Р. сиёсати саноатӣ минтақаро аз ҷиҳати омилҳои институтсионалӣ, шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ, Рахимов А.М. татбиқи сиёсати саноатиро аз нуқтаи назари баланд намудани рақобатпазирии иқтисодиёт, Султонов З.С. ба татбиқи сиёсати саноатӣ аз нуқтаи назари танзими андозии иқтисодиёт, Саидмуродзода Л.Х. татбиқи сиёсати саноатиро дар сатҳи минтақаҳо аз ҷиҳати таъсири муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, Хоналиев Н. дар таҳқиқотҳои худ оид ба инкишофи соҳаҳои саноати Тоҷикистон ва минтақаҳои он аз нигоҳи таърих, Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. таҳқиқоти хешро ба сиёсати саноатӣ дар минтақа аз ҷиҳати механизмҳои танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо, Шарифзода М.М. такомули сиёсати саноатӣ дар минтақаро аз ҷиҳати раобатпазирии субъектони хоҷагидорӣ, Файзуллоев М. аз нуқтаи назари ташаккулёбии инфрасохтори инноватсионӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Шиносоӣ бо корҳои илмии олимони номбурда нишон медиҳад, ки дар онҳо масъалаҳои татбиқи сиёсати саноатӣ дар минтақа дар шароити иқтисодиёти бозори комил ва иқтисодиёти дар давраи гузариш қарордошта мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вале дар шароити амалигардонии стратегияи саноатикунонии босуръати ва панҷсолаи рушди соҳаи саноат дар шароити Тоҷикистон ҳанӯз ба таври мукаммалу васеъ таҳлилу таҳқиқ нашудаанд, ки зарурат, мубрамият ва мақсади таҳқиқоти мазкурро муайян намудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯҳои илмӣ** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади татбиқи самаранокии ҳадафи чорум миллӣ-саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ равона шудааст, ки хусусият ва омилҳои пешрафти соҳаҳои саноатро дар минтақа дар бар мегирад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот барои татбиқи Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аҳамияти хоса дорад, ки то андозае рушди соҳаҳои саноати минтақа ва татбиқи сиёсати саноатии минтақавиро пешбинӣ намуда, натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили минбаъдаи он равона мегардад. Натиҷаҳои диссертатсия барои дар амал татбиқ намудани солҳои 2022-2026 ҳамчун солҳои рушди соҳаҳои саноат равона карда мешаванд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** дар асосноккунии назариявӣ ва истифодаи амалии сиёсати саноатӣ оид ба истифодабарии самараноки иқтидори саноатии вилояти Суғд дар чараёни татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар ифода меёбад.

Дастрасии мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ ҳалли як қатор масъалаҳои аз ҷиҳати илмӣ-методӣ ва амалӣ алоқамандро тақозо намуд, ки дар вазифагузорӣ ифода ёфтаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот дар ҳалли чунин масъалаҳо ифода меёбад:**

- муайян намудани аҳамияти сиёсати саноатӣ дар тараққиёти саноати минтақа дар давраи муосир;
- аниқ намудани принсипҳои асосӣ ва ҳадафҳои тараққиёти саноати минтақа дар шароити тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ва омӯзишу таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии татбиқи сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба тараққиёти соҳа;
- бо истифода аз таҳлили эмпирики муқаррар намудани вазъи феълии саноати вилояти Суғд дар шароити муосир ва бо назардошти таҳлили маълумоти зарурии оморӣ, баҳогузорӣ намудани иқтидори истеҳсолии соҳаҳои саноати минтақа;
- таҳлил ва баҳодиҳии сатҳ ва самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар тараққиёти саноати минтақа;
- муайян намудани ҳадафҳо ва намудҳои имконпазири амалигардонии таҷдиди соҳаҳои саноати вилояти Суғд дар доираи татбиқи сиёсати саноатӣ;
- асоснок намудани татбиқи диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ дар минтақаи вилояти Суғд бодарназардошти муқаррар намудани самтҳои мустаҳкамгардонии иқтидори иқтисодии тараққиёти саноати минтақа.

**Объекти таҳқиқот** тадбиқи сиёсати саноатии дар минтақа дар низоми муносибатҳои бозорӣ ва амалигардонии стратегияи саноатикунонии босуръат баромад мекунад.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар ҷараёни амалигардонии сиёсати саноатӣ дар минтақа байни субъектони хоҷагидорӣ ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба ҳолате такя мекунад, ки дар шароити муосир дар соҳаҳои саноати минтақавии вилояти Суғд иқтидорҳои истифоданушада мавҷуд буда, истифодаи оқилонаи онҳо дар асоси татбиқи сиёсати саноатии мувофиқи минтақавӣ метавонад рушди соҳаро ба самти пешравии куллан нав барорад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)** Кори диссертатсионӣ дар давоми солҳои 2019-2022 иҷро шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳо, коркарди илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил менамоянд, ки ба масъалаҳои ташаккулёбӣ ва тараққиёти минтақаҳо бахшида шудаанд, инчунин, пешниҳодҳои илмӣ-методӣ доир ба муайян намудани хусусият ва омилҳои пешрафти соҳаҳои саноат, такомули сиёсати минтақавии саноатӣ, ки дар истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ-иқтисодӣ ва меҳнатии ҳудудҳои маъмурӣ ифода меёбанд, баромад мекунанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** маҷмуи тарзу усулҳои таҳлил ва омезиши ҳодисаҳо ва ҷараёнҳои иқтисодӣ ташкил намуда, дар раванди таҳқиқот баҳодиҳии муқоисавӣ, омилӣ ва мантиқӣ, усулҳои гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии тараққиёти соҳаҳои саноати минтақавӣ, фарзияи илмӣ, таҳлил ва

синтез, усули индуксия ва дедуксия, аналогия, сабабӣ-оқибатӣ, таҳлили эмпирикӣ васеъ истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумоти диссертатсияро** маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати Агентии омории он дар вилояти Суғд, маълумоти омории доир ба вазъияти инкишофёбии соҳаҳои саноат дар минтақа нашргардида, маҷмӯаҳои ҳамасола, ки иттилоотро доир ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ фаро мегиранд, инчунин барномаҳои мақсадноки дар минтақаҳо қабулгардида ва амалишаванда ташкил намуданд.

**Пояи таҳқиқотро** омӯзиш, таҳлил ва баҳодиҳии фаъолияти соҳаҳои саноати вилояти Суғд дар давраҳои гуногуни фаъолият ташкил карданд.

**Навгонии таҳқиқот** дар коркарди самтҳои асосии татбиқи сиёсати саноатии минтақавӣ ва пешниҳоди такомули истифодабарии омилҳои тараққиёти соҳаҳои саноат муқаррар карда шудаанд. Нуқтаҳои асосие, ки навгонии илмии диссертатсияро ифода мекунанд, аз инҳо иборатанд:

- мундариҷаи сиёсати саноатии минтақавӣ муайян карда шудааст, ки бо худ маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва ғайраҳоро дар назар дорад, ки барои инкишофи иқтидори саноатӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он равона карда шуда, истеҳсолоти маҳсулоти рақобатпазири саноатиро таъмин намуда, татбиқи он аз самт ва суръати тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, ҳаҷми буҷети он, муҳити рақобатӣ, вазъияти экологӣ, иқтидори захиравӣ, инкишофи инфрасохтор, инчунин бодарназардошти сиёсати инвеститсионии минтақа вобаста аст.

- принсип ва самтҳои афзалиятноки татбиқи сиёсати саноатӣ дар минтақа муқаррар карда шудаанд, ки мутобиқи он ба принсипҳои асосии сиёсати саноатии минтақа баробарҳуқуқии шаклҳои моликият, озодии фаъолияти истеҳсолӣ, ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори беруна бо назардошти таъмини эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон, санадҳои таъсири мустақим ба корхонаҳои саноатӣ, усулҳои ғайримустақими дастгирии корхонаҳои саноатӣ, истифодабарии реҷаҳои гуногуни танзимкунӣ. Самтҳои афзалиятноки тараққиёти соҳаҳои саноат дар асоси татбиқи сиёсати саноатӣ чунин ҳадафҳои асосиро фарогир мебошад: фаъолияти инноватсионӣ, ҳаракати сармоя барои таъминоти молиявии азнавсозии соҳаҳо байни бахшҳо ва минтақаҳо, таъминоти инвеститсионии тараққиёти корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа.

- муқаррар карда шудааст, ки баҳри истифодабарии иқтидори саноатии вилояти Суғд зарурати инкишофи он дар асоси истифодабарии омилҳои экстенсивӣ таъмин карда шавад; тараққиёти саноати вилояти Суғд дар самти ғанигардонии бозори дохилӣ бо молҳои истеъмолӣ бо дарназардошти баромадан ба бозори беруна дар оянда ба назар мерасад; оид ба зарурати кооператсия ва махсусгардонии маконҳои истеҳсолоти саноатӣ хулосабарорӣ карда шудааст.

- асоснок карда шудааст, ки бо дарназардошти самараи синергетикӣ, истифодабарии оқилонаи омилҳои истеҳсолот ба воситаи натиҷаҳои фосилавӣ метавонад ба натиҷаҳои ниҳоӣ, яъне ба баланд намудани рақобатпазирии маҳсулот, афзоиши ҳаҷми фурӯш ва баланд намудани даромаднокии корхона

оварда расонанд, ки дар интиҳо самаранокии истеҳсолоти саноатӣ бо назардошти истифодаи оқилонаи тамоми омилҳои истеҳсолот ва алоқамандии дурусти онҳо ба афзоиши самаранокии истеҳсолот муосидат менамояд.

- муқаррар карда шудааст, ки барои амалигардонии ҷараёни таҷдиди соҳаҳои саноат дар минтақаҳо таъминоти корхонаҳои саноатӣ бо мутахассисони соҳибтаҷриба, менеҷерони навовар ва истифодаи амалии бизнес-банақшагирӣ зарур мебошад, ки дар ин самт диққати бештар ба баланд намудани сифати сармояи инсонӣ, дастовардҳои илмии олмимони ватанӣ, омода намудани иқтидори кадрии минтақавию ҷумҳуриявӣ, навовариҳои технологӣ, намудҳои нави менеҷмент ва таъмини муҳити мусоид барои ҷалби техника ва технологияи хориҷӣ такя намудан зурур буда, ҳангоми таҷдиди соҳаҳои саноати вилояти Суғд ҷараёнҳои ҳамгирой дар чорчӯбаи иштироки корхонаҳо ва соҳаҳои саноати минтақа дар корпоратсияҳои трансмиллӣ ва бисёрмиллата мавқеи махсус доранд.
- муайян карда шудааст, ки барои васеъшавии макони истеҳсолии маҳсулоти саноати сабук ва хӯрокворӣ дар вилояти Суғд афзалиятҳои муайян дошта, дар ин васила барқарор намудани фаъолияти истеҳсолии пахтатозакунӣ, истеҳсоли шоҳибофӣ, коркарди меваю сабзавот, қолинбофӣ, истеҳсоли матоъҳои гуногун, пойафзолдӯзи ва намудҳои гуногуни хӯрокворӣ метавонад диверсификатсияи сохтории саноатиро дар минтақа таъмин намуда, барои таъсис додани сохтори самараноки диверсификатсияшудаи саноат, инкишофи бештари он соҳаҳо ва намудҳои истеҳсолот, ки дар дохили кишвар дорои рақобатнокии муқаррарӣ мебошанд мусоидат намояд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- исбот карда шудааст, ки мундариҷаи сиёсати саноатии минтақавӣ ҳамчун маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ ташаккул меёбад.
- принсипҳои асосии сиёсати саноатӣ ва самтҳои афзалиятноки татбиқи он дар минтақа муқаррар карда шудааст.
- бо мақсади истифодабарии иқтидори саноатии мавҷудаи вилояти Суғд ва инкишофи минбаъдаи он истифодабарии омилҳои нисбатан экстенсивӣ зарур арзёбӣ гардидааст;
- таъмини самараи синергетикӣ дар натиҷаи истифодабарии оқилонаи омилҳои истеҳсолот ба воситаи натиҷаҳои фосилавӣ мудаллал гардидааст.
- амалигардонии ҷараёни таҷдиди соҳаҳои саноат дар минтақаҳо бо дарназардошти баланд намудани сифати сармояи инсонӣ исбот карда шудааст.
- афзалиятҳои васеъшавии макони истеҳсолии маҳсулоти саноати сабук ва хӯрокворӣ дар вилояти Суғд баҳри такмили рақобатҳои соҳаи саноатӣ вилояти Суғд муқаррар карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар инкишофи илмии иқтисодиёти минтақавӣ ва илова ба он бо воситаи коркарди ҳолатҳои медодологӣ оиди истифодабарии оқилонаи омилҳои асосии тараққиёти саноати минтақа, ва асоснок намудани мавҷудият ва ҳаматарафа истифодабарии иқтидори мавҷудбуда саноатӣ дар минтақаҳо, ба эътибор гирфтани хусусиятҳои

иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ва иҷрои вазифаҳои нави таъмини рушди устувори минтақаҳо ифода меёбад.

**Аҳамияти амалии тадқиқот** дар истифодабарии тамоми захираҳои инкишофи саноати минтақавӣ дар ҳолати амалигардонии барномаҳои давлатии рушди саноат дар панҷсолаи (солҳои 2022-2026), барномаҳои дурнамои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудҳои маъмурии вилояти Суғд ифода меёбад.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардашудаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таълим барои омода намудани бакалавр, магистрон ва докторантон, барои хондани фанҳои махсус, ба монанди "Иқтисодиёти минтақаҳо", "Иқтисодиёти соҳаҳо" ва дигарҳо истифода шуданаш мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Унвонҷӯ мавзӯи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян карда, методикаи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили хусусият ва омилҳои тараққиёти соҳаҳои саноати минтақавӣ истифода намудааст. Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии муаллифи диссертатсия бо истифодаи методикаи муосир асоснок карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт, (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва маконӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия кори илмӣ-тадқиқотии мустақилонаи муаллиф мебошад. Аз тарафи унвонҷӯ муҳимияти мавзӯъ аз нуқтаи назарияи иқтисодиёти минтақавӣ асоснок, ҳадаф ва масъалаҳои тадқиқот муқаррар карда шуда, дар асоси коркарди ҳолатҳои назариявию методологӣ зарурати истифодаи иқтидори тараққиёти саноати вилояти Суғдро исбот намуда, роҳҳои истифодабарии самараноки омилҳои мавҷударо дар самти пешрафти соҳаҳои мухталифи саноати минтақавӣ ва коркардҳои илмӣ доир ба такомули амалигардонии сиёсати саноатии минтақавӣ барои татбиқ пешкаш карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Ҳолатҳои асосӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия баён карда шудаанд, дар конференсияҳо, симпозиумҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ маърӯза карда шудаанд. Алалхусус дар конферснсияи сеюми илмӣ-амалии вилоятӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯзи ҷавонон; Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди соҳаҳои саноат" (27.05.2022 ДДҲБСТ). Хулосаҳои назаривӣ, методологӣ ва як қатор пешниҳодҳои амалӣ дар ҷараёни амалигардонии саноатикунонии босуръати дар вилояти Суғд ва ҳудудҳои маъмурии онҳо истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**. Натиҷаҳои диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои аз тарафи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгаридида дар ҳаҷми 4,5 ҷ.ш.ч., ва 4 адад мақолаи илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда дар ҳаҷми 1,5 ҷ.ш.ч. инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Мутобиқи мақсади гузошташуда ва масъалаҳои тадқиқот нақшаи кори диссертатсионӣ мураттаб гаридааст, ки аз сарсухан, 3 боб, 9 параграф, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар 172 саҳифаи компютерӣ чоп шуда, дар он 13 ҷадвал, 3 расм ва 11 диаграма мавҷуд аст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Самти минбаъдаи табаддулоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар шароити пойдоршавӣ ва гузариш ба рушди иқтисодии устувор аз бисёр ҷиҳат бо ҳадафҳои тараққиёти соҳаи саноат муайян карда мешавад. Дигаргуниҳои дар соҳаҳои саноат ба миён омада масъалаҳоеро барои баррасӣ пешкаш мекунад, ки на танҳо бо ҳалли мушкилотҳои мавҷуд буда, балки аз ҷустуҷӯи роҳҳо ва самтҳои тараққиёти онҳо дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат вобастагӣ доранд. Чунин тавсири инкишофи соҳаи саноатро бояд ҳамчун тақозои замон мушоҳида намудан зарур аст, ки ҳангоми он дигаргуниҳои ҷараёнҳои ҷамъиятӣ шиддат ёфта, гузариш аз тарзи тараққиёти аграрӣ-индустриалӣ ба намуди индустриявӣ-аграрӣ ва ҷамъияти навовар ба назар мерасанд. Дар чунин шароит роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои мавҷуд буда ва муносибатҳо доир ба дигаргуниҳо дар саноат заруранд, ки амалигардонии сиёсати сохтории аз ҷиҳати илмӣ асоснок шударо талаб менамояд, ки аз қонуниятҳои инкишофи иқтисодиёти бозории муосир ва принсипҳои фаъолияти хоҷагидорӣ бармеоянд.

Боиси тазаккур аст, ки сиёсати сохторӣ бояд аниқ ва мантиқан хусусиятҳои ин ё он минтақаро ва хусусияти истеҳсолоти соҳаҳои гуногун ва комплексҳои саноатиро инъикос намуданаш зарур аст. Ба инобат гирифтани хусусиятҳо ва хислатҳои инкишофи низоми иқтисодӣ, ба истифодабарии самараноки имкониятҳои мавҷуд буда ва захираҳои пинҳонӣ, ҳамчун шарти асосии амалигардонии муваффақи сиёсати иқтисодии тараққиёти саноати минтақаҳои алоҳида бо шартҳои муайяни хоҷагидорӣ (табиӣ, иқлим, географӣ, таърихӣ, маданӣ ва ғайраҳо) мусоидат менамояд. Бо баробари ин ҳадафҳои аниқ ва мақсадҳои дастрасшаванда нисбат ба ҳолатҳои умумӣ аҳамияти аслӣ доранд. Барои шароити муосири минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон алалхусус барои вилояти Суғд амалигардонии сиёсати саноатӣ бояд барои чунин ҳадафҳо мусоидат намояд: инкишофи истеҳсолоти рақобатпазир дар минтақа ва нигоҳдории афзалиятҳои рақобатпазирӣ дар бозорҳои беруна; ташкили истеҳсолоти молҳои ивазкунандаи воридот бо мақсади коҳиш додани вобастагии иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ аз воридоти молҳои хориҷӣ; марҳила ба марҳила гузариш ба истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда.




**Расми 1.- Сохтори коркард ва амалигардонии консепсияи сиёсати саноатӣ дар минтақа.** **Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаҳо:** Татаркин Александр Иванович, Романова Ольга Александровна Промышленная политика: генезис, региональные особенности и законодательное обеспечение // Экономика региона. 2014. №2. С. 9-21. Кондратьев В. Промышленная политика или политика конкурентоспособности. Структурные и секторальные аспекты // ЭКО. 2008.№3. С. 122-131.

Дар ин радиф таҳлили иқтидори бахши аслии иқтисодиёти минтақа, баҳодиҳии имкониятҳои баланд намудани рақобатпазирии он, таҳлили эҳтиёҷот барои захираҳо ва оқибатҳои интихоби самти сиёсати саноатӣ муҳим арзёбӣ карда мешаванд. Умуман дар шакли всеъкардашуда, ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои сиёсати саноатиро дар намуди схемаи мантиқӣ ифода кардан мумкин аст (расми 1).

Омӯзиши назариявии тараққиёти саноатӣ минтақа вобаста аз татбиқи сиёсати саноатӣ зарурати таъминоти ҳуқуқӣ, риоя намудани принсипҳои ягона ва афзалиятҳои умумиро ифода мекунад. Татбиқи сиёсати саноатиро баҳри таъмини тараққиёти устувори соҳа принсипҳои асосии онро ба чунин тарз ҷудо намудан мумкин аст: баробарҳуқуқии шаклҳои моликият (сиёсати саноатӣ имтиёзҳоро барои шаклҳои алоҳидаи моликият ба захираҳои истеҳсолӣ бояд ба инобат нагирад); озодии фаъолияти истеҳсолӣ (озодии истеҳсолкунандагон шарти асосии расидан ба ҳадафҳои сиёсати саноатӣ ба ҳисоб рафта, ҳамагуна инҳисорот (монополия) дар фаъолияти саноатӣ номумкин аст); ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ дар бозори беруна бо назардошти таъмини эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон; истифодабарии санадҳои таъсири мустақим ба корхонаҳои саноатӣ, ки ҳамчун муҳаррики пешрафти соҳа баромад мекунанд; истифодабарии усулҳои ғайримустақими дастгирии корхонаҳои саноатӣ; истифодабарии реҷаҳои гуногуни танзимкунӣ, вобаста ба намуди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ (дар ин ҷода афзалият ба истеҳсолкунандагони молҳои ивазкунандаи воридот дода мешавад).

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба самтҳои афзалиятноки тараққиёти соҳаҳои саноат дар асоси татбиқи сиёсати саноатӣ чунин ҳадафҳои асосиро номбар кардан мумкин аст: фаъолияти инноватсионӣ, ки барои ҳамкории сохторҳои соҳибкорӣ ва илмӣ-инноватсионӣ, ташаккулёбии рағбатҳои инноватсионӣ барои фаъолияти хоҷагидорӣ, муқаррар намудани самтҳои тараққиёти инноватсионӣ дар минтақаҳо; сиёсати саноатие, ки ҳаракати сармояро барои таъминоти молиявии азнавсозии соҳаҳо байни бахшҳо ва минтақаҳо дар назар дорад; таъминоти инвеститсионии тараққиёти корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа. Бо назардошти самтҳои асосӣ, сатҳҳои амалигардонии самараноки сиёсати саноатиро қайд намудан зарур аст. Дар сатҳи макроиқтисодӣ, сиёсати саноатӣ бо ҳадафҳои умумимиллии тараққиёти соҳаи саноат муқаррар гардида, бо қонунгузории мутамарказ, барномаҳои мақсадноки миллӣ ва роҳҳои дастрасии он ва таъсири онҳо ба иқтисодиёти минтақаҳо алоқаманд мебошад.

Дар марҳилаи муосир консепсияи сиёсати саноатӣ дар кишвар ба инкишофи истеҳсолоти ивазкунандаи воридот, таъсисдиҳии ҷойҳои нави корӣ, ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ба соҳаҳои мухталифи саноат, ворид намудани технологияҳои пешқадами истеҳсолӣ равона карда шудааст.

Таҷрибаи як қатор кишварҳои ҷаҳон оид ба амалигардонии сиёсати саноатӣ дар чорчӯбаи таҳқиқот тасодуфӣ набуда, он баҳри шиносоӣ бо хусусиятҳои истифодабарии стратегия саноатикунонӣ дар шароитҳои гуногун равона шуд. Мушоҳидаи таҷрибаи мамлакатҳои Аврупо, ИМА, Ҷопон,

Сингапур, Хитой ва Ҳиндустон нишон дод, ки дастрасии мақсадҳои гузошташуда нисбат ба афзоиш додани истеҳсолоти саноатӣ ба воситаи ташкил намудани истеҳсолоти ватанӣ ба натиҷаҳои назаррас оварда расонид, ки дар ин ҷода давлат механизмҳои сиёсати сохторӣ ва мӯътадилгардонандаро ба ҳам мутобиқ намуд. Иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири тараққиёт, чи хеле ки ҳолати воқеъи нишон медиҳад, ба танзими оқилонаи давлатии ҷараёнҳои иқтисодӣ ниёз дорад.

Ҷоиз ба гуфтанист, ки саноати минтақаи вилояти Суғд ҳамчун қисми таркибии саноати мамлакат асоси тараққиёти иқтисодии минтақа баромад карда, дар давраи таҳлилӣ ба дигаргуниҳои куллӣ дучор шудааст. Дигаргуниҳои сохторӣ ва низомӣ дар саноати минтақа дар давраи солҳои 1991-1996 ба мавҷудияти соҳа таъсири назаррас расонид. Маълум аст, ки мушкилиҳои бо давраи пойдор намудани муносибатҳои бозорӣ бо омилҳои ҳам дохилӣ ва беруна вобастгаии калон доштанд. Дар ин марҳила саноати минтақаи вилояти Суғд ба монанди дигар манотиқи кишвар тараққиёти самараноки худро таъмин карда натавонист. Аз соли 1997, ба шарофати кӯшишҳои бардавоми Асосгузори сулҳи ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон байни қувваҳои мухолифин ва ҳукумати қонунии кишвар созишнома сулҳу ваҳдат ба имзо расид, ки баҳри тараққиёти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ заминаи нав ва устуворро пойдор намуд. Аз соли 1997 то соли 2014 дар соҳаҳои саноати вилояти Суғд марҳилаи рушди барқароркунанда ба назар мерасад, ки пастравии ҳаҷми маҳсулоти саноатии истеҳсолшуда дар давраи солҳои 1991-1996, танҳо дар тӯли 17 сол (1997-2014) барқарор карда шуд. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардидаи ҳукумат ва ҳамкории судманди давлат бо бахши хусусӣ дар сохтори саноати вилояти Суғд пешравиҳои назаррас ба назар мерасанд (ҷадвали 1).

Дар тӯли солҳои 2011 – 2021 шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан аз 21 адад то 65 адад зиёд гардида, афзоиш 3,1 маротибаро ташкил додааст. Шумораи корхонаҳои истихроҷи маводҳои энергетикӣ аз 6 адад то 9 адад зиёд гардида, дар маҷмӯъ 1,5 маротиба афзоиш ёфтаанд. Корхонаҳои истихроҷӣ маводҳои ғайриэнергетикӣ дар мантиқи вилоят аз 15 адади соли 2011 дар соли 2021 ба 56 адад расидааст, ки 3,7 маротиба афзоишро нишон медиҳад. Тағйироти назаррас дар афзоишёбии саноати коркард ба назар мерасад, ки дар ин марҳила шумораи корхонаҳои ин соҳа аз 229 адад то 624 адад зиёд гардида, афзоиш 2,7 маротибаро ташкил медиҳад. Корхонаҳои дигар соҳаҳои саноат дар соли 2021 нисбат ба соли 2011, 20 маротиба афзоиш ёфта, аз 1адад то 20 адад зиёд гардидааст. Корхонаҳои таъиноти тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об аз 3 адад соли 2011 то 44 адад дар соли 2021 зиёд шудааст, ки дар маҷмӯъ 14,7 маротиба афзоишро нишон медиҳад.

Таҳқиқотҳо собит намуданд, ки истифодабари оқилонаи иқтидорҳои мавҷудбуда саноати минтақа метавонад истеҳсоли маҳсулотҳои зиёдеро ба роҳ монад, ки қобилияти рақобатпазириро бо молҳои воридотӣ бо дарназардошти хислатҳои нодири худ доранд.

**Ҷадвали 1. - Сохтори саноати вилояти Суғд (шумораи корхонаҳо)**

| Соҳаҳои саноат | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 2011 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати истихроҷи маъдан | 21 | 21 | 22 | 29 | 40 | 47 | 48 | 50 | 51 | 56 | 65 | 3,1 |
| Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 6 | 6 | 6 | 10 | 11 | 12 | 11 | 10 | 8 | 8 | 9 | 1,5 |
| Истихроҷӣ маводҳои ғайриэнергетикӣ | 15 | 15 | 16 | 19 | 29 | 35 | 37 | 40 | 43 | 48 | 56 | 3,7 |
| Саноати коркард | 229 | 264 | 299 | 534 | 653 | 553 | 545 | 579 | 565 | 594 | 624 | 2,7 |
| Дигар соҳаҳои саноат | 1 | 2 | 4 | 12 | 14 | 14 | 16 | 19 | 20 | 20 | 20 | 20,0 |
| Истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ, газ, об | 3 | 3 | 3 | 3 | 4 | 4 | 1 | 4 | 41 | 43 | 44 | 14,7 |

Манбаъ: Маҷмуаи омори вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022- С. 335. Маҷмуаи омори вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022. С. 260.

Иқтидори васеъи тараққиёти соҳаҳои саноати минтақа бо сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва дараҷаи ворид намудани онҳо ба фаъолияти хоҷагидорӣ тавсиф карда мешавад. Аз рӯи чунин нишондодҳо дар вилояти Суғд имкониятҳои зиёд вуҷуд доранд, ки истифодаи амалии он метавонад тараққиёти соҳаҳои саноатро ба сатҳи куллан нав оварда расонад. Сатҳи истифодабарии иқтидори саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа аз он шаҳодат медиҳад, ки захираҳои рушди саноатӣ аз ҳисоби васеъшавии истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии мавҷудбуда имкониятҳои калон дорад. Оид ба мавҷудияти чунин имкониятҳо дар баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамавақт таъкид гардида, афзалияти васеъшавии истеҳсолоти саноатӣ бо назардошти баландшавии сатҳи шуғлнокии аҳолӣ қайд карда мешавад. Ҳамаи ин имконият медиҳад қайд намоем, ки истифодабарии ҳадди аксари иқтидори истеҳсолӣ дар саноат дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат унсури асосии рушди иқтисодии устувор ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҷараёни амалигардонии сиёсати саноатии минтақавӣ бо мақсади истифодабарии ҳама иқтидорҳои мавҷуд буда, пешрафти ин соҳаи ҳаётан муҳими иқтисодӣ бояд хислати экстенсивӣ дошта бошад. Маҳз ба шарофати таъмини рушди экстенсивии соҳаҳои саноат, минтақаҳо метавонанд ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, аҳолии бешуғлро бо фаъолияти меҳнати фаро гиранд, ки ба баландшавии сатҳи зиндагонии мардум мусоидат менамояд. Дар ин ҳолат пурра даст кашидан аз омилҳои тараққиёти интенсивӣ дар назар дошта намешавад, баръакс тараққиёти соҳаҳои саноат ба таври

экстенсивӣ бо унсурҳои тараққиёти интенсивӣ бояд таъмин карда шавад. Бо ибораи дигар сухан оид ба намуди тараққиёти нисбатан экстенсивии соҳаҳои саноати минтақа меравад.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши вазъи саноати вилояти Суғд чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст: якум, барои истифодабарии иқтидори саноатии минтақа зарурати инкишофи он дар асоси истифодабарии омилҳои экстенсивӣ баён менамояд. Яъне васеъшавии ҳаҷми истеҳсолот ва афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ, ки қобилияти истеҳсол намудани молҳои ниёзи мардум ва ташкили ҷойҳои нави корӣ; дуюм, тараққиёти саноати вилояти Суғд дар самти ғанигардонии бозори дохилӣ бо молҳои истеъмолӣ бо дарназардошти баромадан ба бозори беруна дар оянда, ки ба таври ногузир баланд намудани рақобатпазирии молҳои истеҳсолмешударо дар корхнаҳои саноатӣ дар назар дорад; сеюм, бояд фаъолияти корхонаҳои саноатии бекорхобида ба воситаи таҷдиди куллии чараёни технологӣ барқарор карда шуда, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ба роҳ монда шавад; чорум, бояд чораҳо оид ба кооператсия ва махсусгардонии маконҳои истеҳсолоти саноатӣ амалӣ кард шуда, чунин хислатҳо ҳангоми таъсиси корхонаҳои нав бахри коҳиш додани хароҷоти муомилот ва татбиқи сиёсати саноатӣ дар минтақа ба инобат гирифта шаванд.

Дар ниҳоят сиёсати саноатӣ дар вилояти Суғд ҳатман барои барқарор намудани фаъолияти корхонаҳои калони саноатии бекорхобида равона карда шавад, зеро чунин чорабинӣ метавонад барои афзоиши сатҳи шуғлнокии аҳолии қобили меҳнат мусоидат намояд.

Бояд қайд намуд, ки аз рӯи афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят оид ба саҳми ҳар яки онҳо дуруст баҳогузорӣ намудан имконнопазир аст. Зеро чунин афзоишёбӣ оид ба саҳми ҳар як шаҳру ноҳияҳои вилоят дар рушди соҳаи саноатӣ шаҳодат дода метавонад. Бинобар ҳамин оид ба иқтидор ва имкониятҳои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ҳиссаи ҳар яки онҳо дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ муайян карда мешавад, ки доир ба саҳми онҳо дар афзоиши маҳсулоти саноатии минтақавӣ шаҳодат дода метавонад (расми 2).




**Расми 2. - Ҳиссаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии минтақа.**[1]

[1] Агентии омори назди Прзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021. С.123-124. Маҷмуаи омори вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022 - С. 268-269.

Аз маълумоти диаграммаи расми 2 мушоҳида карда мешавад, ки дар соли 1991, ибтидоиислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакат саноати вилояти Суғд асосан дар шаҳри Гулистон инкишоф ёфта буд, ки ба ҳиссаи он 34,7% маҳсулоти саноатии минтақавӣ рост меомад. Алалхусус дар ин шаҳри саноатии вилояти Суғд истеҳсоли қолинҳо ва маснуоти қолинӣ дар он давра хеле хуб ба роҳ монда шуда буд. Мутаасифона дар соли 2021 ҳиссаи шаҳри Гулистон дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят то 21,9% коҳиш ёфт, ки асосан аз ҳисоби кам гаштани истеҳсоли қолинҳо ва маснуоти қолинӣ ба миён омад, ки он дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 то 17,6% коҳишёбиро нишон медиҳад. Дар натиҷаи чораҳои пайвастаи давлату ҳукумат дар минтақаи вилояти Суғд, махсусан дар шаҳрҳои Хуҷанд, шаҳри Панҷакент, ноҳияи Айнӣ ва ноҳияи Б. Ғафуров зиёдшавии ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноати минтақа ба назар мерасад.

Дар соли 2021 ҳиссаи шаҳри Хуҷанд дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии минтақавӣ аз 1,7% соли 1991 то 7,2% афзоиш ёфт, ки асосан аз ҳисоби ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи саноати коркард ба миён омад. Ҳиссаи шаҳри Панҷакент аз 4,1% соли 1991 то 23,2% дар соли 2021 афзоиш ёфт, ки дар натиҷаи инкишофи истеҳсолоти маъданҳои кӯҳӣ (металҳои ранга) ба миён омад. Дар давраи таҳлилшаванда ҳиссаи ноҳияи Айни дар ҳаҷми маҳсулоти умумии саноатии вилоят аз 2,8% дар соли 1991 то 12,7% дар соли 2021 зиёд гардид, ки асосан аз ҳисоби афзоиши истихроҷи ангишт ва истеҳсоли маъданҳои кӯҳӣ ба миён омад. Дар инкишофи соҳаи саноати вилояти Суғд саҳми ноҳияи Б. Ғафуров низ назаррас мебошад. Дар марҳилаи солҳои 1991-2021 ҳиссаи ин ноҳия дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии минтақавӣ аз 1,4% то 16,3% зиёд гардид, ки асосан аз ҳисоби афзоиши маҳсулоти саноатии коркард, махсусан истеҳсоли орд ва семент ба миён омад. Дар инкишофи соҳаҳои саноати минтақавӣ дар вилоят саҳми дигар шаҳру ноҳияҳо низ назаррас мебошад. Ба чунин шаҳру ноҳияҳо шаҳри Бустон, шаҳри Истаравшан, ноҳияи Спитамен, шаҳри Конибодом, ноҳияи Зафаробод ва ғайраҳоро дохил кардан мумкин аст.

Афзоиши ҳиссаи вилояти Суғд дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои охир асосан аз ҳисоби васеъ намудани истеҳсоли масолеҳи сохтмон ба миён омадааст. Пеш аз ҳама дар ин ҷода истеҳсоли семент, қуми сохтмонӣ, шағал ва ғайраҳо мебошад. Зиёдшавии истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар минтақа асосан бо авҷгирии сохтмони биноҳои бисёрошёна ба миён омад. Боиси қайд аст, ки дар давраи таҳлилӣ дар саноати вилояти Суғд афзоиши истеҳсоли ангишт ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ низ ба назар мерасад.

Бо мақсади истифодабарии ҳадди аксари имкониятҳои истеҳсолии соҳаҳои саноати минтақа ҳамгироии байнисоҳавӣ ва дуруст ба роҳ мондани тақсимоти меҳнати байни соҳавӣ зарур ба шумор меравад. Зеро бе таъминоти захиравии истеҳсолоти саноатӣ пешрафти ин соҳа имконнопазир мегардад. Дар ин самт бояд пояи захиравии истеҳсоли маҳсулоти саноатии коркард, алалхусус коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои саноатӣ таъмин карда шуда, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ пурра ба роҳ монда шавад. Маҳз бо таъмини истеҳсоли маҳсулоти саноатии ниҳоӣ саноати минтақавӣ метавонад иқтидорҳои

мавҷудаи истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии бо кор машғул набударо бо истеҳсолоти фоидаовар фаро гирад.

Дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки дар тӯли 30 соли тараққиёти соҳаи саноати вилояти Суғд тағйирёбии шумораи кормандони соҳа ба тavри сиклӣ, яъне пастравӣ, ҷоннокшавии пай дар пай ба назар мерасад, ки хислати даврагии саноатиро ифода менамояд. Чунин тамоюл бо хусуситяҳои давраи гузариш алоқамандии зич дорад, ки бо ғайридавлатигардонӣ ва хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ, дигаргуншавии бозори фурӯш, пойдоргардии принсипи хоҷагидории бозорӣ, ба миён омадани бӯҳрони трансформатсионӣ ва дигарҳо алоқаманд мебошад. Новобаста ба чунин вазъияти ба миёномада, камшавии ҳайати кормандони соҳаҳои саноати вилояти Суғд ба соли 2009 мувофиқ меояд, ки дар он сол шумораи кормандони соҳа нисбат ба соли 1991 (оғозёбии ислоҳоти бозори дар кишвар) то 26,4% коҳиш ёфта, ба 18058 нафар расидааст, ки бо нишондиҳандаи мутлақ коҳишёбӣ 50296 нафарро ташкил кардааст.

**Ҷадвали 2. - Тағйирёбии маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, маҳсулоти саноатӣ дар умум ва ба як нафар корманди соҳа дар вилояти Суғд**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 1996 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| МММ бо нархҳои муқоисавӣ (млн. сомонӣ) | - | - | 5433,4 | 7744,4 | 10082,8 | 14486,4 | 21621,9 | 27465,4 |
| Шумораи миёнаи солонаи кормандон дар иктисодиёти минтақа (хазор нафар) | 461,5 | 472,6 | 451,9 | 416,7 | 398,7 | 402 | 432,4 | 438 |
| МММ ба ҳар сари аҳолии бо кор таъмин буда (сомонӣ) | - | - | 12023,4 | 18585 | 25289,2 | 36035,8 | 50004,4 | 62706,4 |
| Тағйирёбии МММ ба ҳар сари аҳолии бо кор таъмин буда нисбат ба соли 2000 (бо фоиз) | - | - | 100,0 | 154,6 | 210,3 | 299,7 | 415,9 | 521,5 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои муқоисавӣ, млн. сомонӣ) | 5429,3 | 1345,2 | 1668,1 | 2721,2 | 3299,6 | 6402,1 | 15573,2 | 21064,8 |
| Тағйирёбии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1991 (бо фоиз) | 100,0 | 24,8 | 30,7 | 50,1 | 60,8 | 117,9 | 286,8 | 388,0 |
| Шумораи миёнаи кормандон дар соҳаҳои саноат (нафар) | 68354 | 40305 | 31241 | 26518 | 18895 | 28746 | 33236 | 32486 |
| Маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби як нафар корманди соҳа (сомонӣ) | 79429,1 | 33375,5 | 53394,6 | 102617 | 174628 | 222713 | 468564 | 648427 |
| Тағйирёбии маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби як нафар корманди соҳа нисбат ба соли 1991 (бо фоиз) | 100,0 | 42,0 | 67,2 | 129,2 | 219,9 | 280,4 | 589,9 | 816,4 |
| Тағйирёбии шумораи миёнаи кормандон дар соҳаҳои саноат (нафар) нисбат ба соли 1991 (бо фоиз) | 100,0 | 59,0 | 45,7 | 38,8 | 27,6 | 42,1 | 48,6 | 47,5 |

Ҳисоб карда шуд: Маҷмуаи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021 - С. 332-333. Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон душанбе, 2022 - С 334-337. Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон душанбе, 2022 - С 9-10; 257.

Тамоюли тағйирёбии маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоб ҳар як нафар корманди соҳаи саноат (ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноати минтақа) дар вилояти Суғд, инчунин тамоюли тағйирёбии шумораи миёнаи кормандон дар соҳаи саноати минтақа, муқоисаи ин нишондиҳандаҳо бо нишондодҳои соли 1991 дар ҷадвали 2 оварда мешавад.

